# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона – омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)**

Мундариҷа ва мухтавои автореферати диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» собит менамоянд, ки муаллифи тадқиқот, воқеан, ба як масъалаи то ҳанӯз омӯхтанашудаи илми китобхонашиносӣ машғул ва муваффақ гардидааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб (фасл), хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар муқаддима мубрамияту дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи масъалаи меҳварӣ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуоти илмӣ, мақсаду вазифаҳои асосии пажӯҳиш, объекту мавзуъ ва фарзияи таҳқиқот, методҳои таҳқиқ, се марҳилаи омӯзиш, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳ ва навгонии мавзуи мавриди тадқиқ, нукоти аслии ба дифоъ манзуршуда, аҳаммияти назариву амалии тадқиқот, инчунин дигар муқаррароти кори илмӣ мушаххасан арзёбӣ шудаанд. Дар ин бахши рисола, ки муҳиммоти тадқиқот инъикос ёфтааст, тафсилоти пешинаи тадқиқи мавзуъ бо баррасии густураи пажӯҳиш ва ёдкарди шумораи зиёди олимони ватаниву хориҷӣ қобили таҳсин буда, натиҷаи ковишҳои ҳушмандонаву маромҷӯёнаи муаллифро бозгӯ месозанд.

Боби якуми диссертатсия «Заминаҳои таърихӣ-назариявии рушди фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ ва таъмини инноватсионӣ-методии онҳо» унвон дошта, шомили се фасл буда, дар он муҳимтарин ҷанбаҳои таърихии марбут ба такомули китобхонаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дар зербоби аввал бар ин назар аст, ки пажӯҳиши таҷрибаи пешқадами илмӣ-методии соҳаи китобдории замони шуравӣ барои такмили фаъолияти методӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати вусъати раванди корҳои инноватсионӣ дар китобхонаҳои кишварамон нақши муассир доранд.

Дар зербоби дуюми боби нахустин диссертант бо такя ба афкори олимони соҳа таъкид менамояд, ки барои равнақи навовариҳову фановариҳои соҳаи китобдорӣ дар шароити кунунӣ омӯзиши усул ва роҳҳои таҷдиди сохтории фаъолияти илмӣ-методӣ, татбиқи намудҳои инноватсионии фаъолияти марказҳои номбаршуда, ёрии машваратӣ-

методӣ, амалигардонии услубҳои сотсиологӣ, таъмини низоми устувори робита бо ҷомеа ва чанд омили дигар судманд мебошанд. Дар маҷмуъ, ин тадорукот ҳамқадамӣ ва такомули пайвастаи соҳаи китобдориро бо соҳаҳои дигари илму фарҳанг ва маънавиёт таъмин хоҳанд кард.

Дар бахши охирини боби якум - асосҳои назариявии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ як ҷо бо шарҳу маънидоди мафҳумҳои меҳварӣ тадқиқ шудаанд. Муаллиф ёдрас мешавад, ки фаъолияти инноватсионӣ-методӣ ба дарки унсурҳои асосӣ, чун мақсадҳо, субъектҳо, принсипҳо, мазмун ва дигар авомил робитаи устувор дошта, заминагузори раванди роҳбарии методӣ ба китобхонаҳои оммавӣ шуда метавонад.

Боби дуюми пажӯҳиш «Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ» номида шуда, дар се зербоб масоили консептуалии таъмини методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар фаъолияти онҳо баррасӣ гардидааст.

Моҳияти зербоби аввали боби мазкур дар шарҳи истифодаи услуби методологии созгор барои таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва робитаи мутақобилаи фаъолонаи муҳити китобдорию иттилоотӣ ва библиографӣ ҷамъбаст мегардад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, ки «Амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ» ном дорад, мавзуи асосӣ аз рӯи хусусиятҳои он дар се зина баррасӣ мегардад. Дар ин зербоб, унвонҷӯ амсилаи консептуалиро тарҳрезӣ карда, дараҷаҳои рушди китобхонаҳо ва камолоти ҳирфаии китобдоронро тавсиф намудааст.

Зербоби охирини боби дуюм дар фишурда нисбат ба дигар бобу фаслҳо зиёдтар шарҳу тавзеҳ ёфта, тавассути ҷадвалу диаграммаҳо ҷараёни такомули фаъолияти инноватсионии китобдорону китобхонаҳо бо мисолу рақамҳо таҳлил гардидааст. Далелҳо ва натиҷагириҳои ин қисми таҳқиқот ҳолати кунунии китобхонаҳоро дар робита ба татбиқу пешбурди корҳои инноватсионӣ ҳамаҷиҳата ифода менамоянд. Муаллиф зимнан хотиррасон кардааст, ки дар баробари хидматрасониву корбарии анъанавӣ фаъолияти инноватсионӣ низ дар китобхонаҳо бомаром идома ёфта, боиси содаву самарабахш гардидани фаъолияти китобхонаву кормандони онҳо мегардад.

Хулосаҳои умумӣ низ моҳияти андешаҳои муаллифи рисоларо фарогир буда, дар таҳлилҳои амиқу мушаххас роҳҳои таҷдиди инноватсионии кори китобхонаҳо ва фаъолияти китобдорону кормандони марказҳои методӣ ҳаматарафа мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Фишурдаи рисола бо риояи меъёрҳои мабоҳиси илмӣ, истиқлоли назари муаллиф ва корбурди саҳеҳи сарчашмаҳои илмиву соҳавӣ навишта шуда, аз анҷоми босамари як мавзуи тадқиқотӣ дар китобхонашиносии тоҷик дарак медиҳад

Дар радифи ёдкардҳои пайваста аз муҳассаноти тадқиқот дар автореферат баъзе камбудиҳо дида мешаванд:

1. Муаллиф дар автореферат, ба истиснои зербоби сеюми боби дуюм мушаххасан аз вазъи инноватсионии ягон китобхона мисол намеоварад.

2. Ба назари мо, корбурди ибораи «давлатию оммавӣ», ки ҳам дар номи тадқиқоту дохили матн ба кор рафтааст, нодуруст буда, корбурди он ба шакли «давлатии оммавӣ» дуруст менамояд, зеро тамоми китобхонаҳои оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатӣ мебошанд.

3. Дар автореферат имлои навишти бархе аз калимаҳо ғалат аст, монанди «осонокшуда» (саҳ.16), «фаромон» (саҳ.23) ва ғайра.

Камбудиҳои мазкур ҷузъии зудислоҳшаванда буда, халали ҷиддиеро дар таҳқиқоти анҷомёфта ба вуҷуд намеоваранд, вале рафъи онҳо ҳангоми нашри монографии диссертатсия зарур мебошад.

Бар мабнои муҳтаво ва мундариҷаи автореферати диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона – омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) метавон гуфт, ки он ба талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллиф шоистаи дарёфти дараҷаи илмии ёдшуда мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, директори Китобхонаи вилоятии
оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии
вилояти Суғд Мирсаид Баҳром Тоҳир

Имзои Мирсаид Б.Т.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Китобхонаи вилоятии
оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд Ҳомидова З.М.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 1
www.asiri.tj; E-mail: somonzod@mail.ru
Тел: 8-3422-6-43-23
«28» 04 соли 2025